Бо амри Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7 июни соли 2017, №АП-901
тасдиқ шудааст

Нақшаи
миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шӯрои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм)
барои солҳои 2017-2020

| № | Номгӯи тавсияҳо | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Натиҷаҳои иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1. | Ҳамроҳ шудан ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон ва Протоколи факултативӣ ба он (115.1-115.8, 115.113, 118.1, 118.2, 118.7-118.9) | 1. Ба имзо расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон | 2017 | ВТҲИА, ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон имзо гардид |
| | | 2. Аз ҷониби гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон анҷом додани корҳои омодагӣ барои тасдиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон | то ҳалли масъала | Гурӯҳи корӣ | Корҳои омодагӣ ба анҷом расида, барои тасдиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод шуд |
| | | 3. Омӯзиши масъалаи тасдиқ намудани Протоколи факултативӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон | 2020 | ВТҲИА, ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Вобаста ба натиҷаи омӯзиш таклифи мушаххас пешниҳод шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Тасдиқ намудани Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (115.9-115.12, 115.46-115.57, 118.8, 118.9) | 1. Ба анҷом расонидани омӯзиши масъалаи тасдиқ намудани Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ | то ҳалли масъала | Гурӯҳи корӣ | Гурӯҳи корӣ вобаста ба натиҷаи омӯзиш таклифи мушаххас манзур намуд |
| | | 2. Омода намудани лоиҳаи санадҳои дахлдор | то ҳалли масъала | Вазорату идораҳо | Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тасдиқ шуд |
| 3. | Таъмин намудани мутобиқати фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Принсипҳои Париж (115.17-115.22, 115.24) | 1. Таҳия ва тасдиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Зеркумитаи аккредитатсияи СММ | 2017 | ВҲИ, ДИП, ВА, ВКХ, ТҶ | Нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардид |
| | | 2. Омӯзиши қонунгузории дигар давлатҳо, ки фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд | 2017-2019 | ВҲИ, ДИП, ВА, ВКХ | Қонунгузории дигар давлатҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон мавриди омӯзиш қарор дода шуд |
| | | 3. Такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | 2019-2020 | ВҲИ, ДИП, ВА, ВКХ | Лоиҳаи дахлдор таҳия ва пешниҳод гардид |
| | | 4. Муҳокимаи лоиҳаи Қонун бо иштироки васеи намояндагони сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ | 2020 | ВҲИ, ДИП, ВА, ВКХ, ТҶ | Лоиҳаи Қонун муҳокима гардид ва пешниҳодҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳифзи занону кӯдакон ва дигар аъзои оила аз зӯроварӣ дар оила, пешгирии зӯроварӣ дар оила (115.29, 115.37, 115.63-115.69, 115.86, 118.22, 118.27, 118.31) | 1. Дар байни аҳолӣ гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023 | 2017-2020 | ККЗО, ВКД, КДТАҶМ, КҶВС, КТР, МИМҲД, ТҶ | Дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муқаррароти қонунгузории дахлдор гузаронида шуд |
| | | 2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои ёрирасон, марказҳо ё бахшҳои офиятбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ | 2017-2020 | ККЗО, ВКД, ВТҲИА, МИМҲД, ТҶ | Ҳамоҳангии фаъолияти сохторҳои дахлдор таъмин карда шуд |
| | | 3. Мониторинги амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2018 | ККЗО, ВКД, ТҶ | Мавҷуд будани натиҷаи мониторинг |
| | | 4. Такмили механизми бозравонӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила | 2017-2018 | ВКД, ПГ, СО, ВТҲИА, ККЗО | Механизми бозравонӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила такмил дода шуд |
| | | 5. Такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва соҳаи тиб дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила | мунтазам | ПГ, СО, ДИД, АХД, ВТҲИА, ВКД, ККЗО | Теъдоди чорабиниҳои баргузоршуда ва кормандони аз такмили ихтисос гузашта |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 5. | Такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зӯроварӣ дар оила ҳамчун таркиби алоҳида (118.28-118.32) | 1. Омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зӯроварӣ дар оила ҳамчун таркиби алоҳида | то ҳалли масъала | Гурӯҳи корӣ, ПГ, СО, ВКД, ВТҲИА, ККЗО | Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул карда шуд. Барои зӯроварӣ дар оила ҳамчун таркиби алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардид |
| | | 2. Бо ҷалби олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил намудани омӯзиши лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт таҳияшуда | | | |
| 6. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳкими сиёсати гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занон (115.30, 115.36, 115.39- 115.44, 118.22) | 1. Баргузории чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба пешбурди баробарии гендерӣ ва бартарафсозии қолабҳои гендерӣ дар тамоми қишрҳои ҷомеа | мунтазам | ККЗО, КТР, ВМИ, Академияи таҳсилот, КДТАҶМ, ТҶ | Теъдоди чорабиниҳои баргузоршуда оид ба пешбурди баробарии гендерӣ ва бартарафсозии қолабҳои гендерӣ дар ҷомеа |
| | | 2. Такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ва дигар қонунгузории соҳа | 2017-2018 | ККЗО, ВА, ММҚ, ТҶ | Таклифҳо ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории дахлдор |
| | | 3. Баргузор намудани давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 2018 | ККЗО, ДИД, СО, дигар вазорату идораҳо, ТҶ | Теъдоди кормандоне, ки омӯзонида шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 4. Вусъат ва тақвият додани фаъолияти марказҳои иттилоотӣ-машваратии назди ККЗО оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои гендерӣ | мунтазам | ККЗО, МИМҲД, ТҶ | Теъдоди барномаҳои омӯзишӣ ҷиҳати тақвияти фаъолияти марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ вобаста ба масъалаҳои гендерӣ |
| 7. | Фаъолгардонии кӯшишҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити корӣ барои занон, ҷавонон ва маъюбон (115.31, 115.40, 115.43, 115.44, 115.91) | 1. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат вобаста ба такмили онҳо дар самти аз байн бурдани маҳдудият дар истифодаи ҳуқуқ ба меҳнат | 2018-2020 | ВММША, ВТҲИА, ПГ, СО, ВҲИ, ВА | Лоиҳаи санадҳои ҳуқуқии дахлдор оид ба меҳнат пешниҳод гардиданд |
| | | 2. Назорати татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат вобаста ба масъалаи мазкур | 2017-2020 | ВММША, ПГ | Назорати татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақвият дода шуданд |
| | | 3. Таҳияи механизми татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ба меҳнат аз ҷониби шахсони маъюб | 2018 | ВММША, ПГ, ВТҲИА, КА | Механизми татбиқи қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқ ба меҳнат аз ҷониби шахсони маъюб таҳия карда шуд |
| 8. | Фаъолгардонии кӯшишҳо ҷиҳати мубориза бо шиканҷа (115.58-115.62, 118.25, 118.26) | 1. Пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои истифодаи шиканҷа | 2017-2018 | ВА, СО, ПГ, ВҲИ | Санксия барои содир намудани ҷинояти шиканҷа пурзӯр карда шуд |
| | | 2. Аз ҷониби кормандони мақомоти давлатӣ баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ | мунтазам | ПГ, ВА, СО, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, КДАМ, АНМН, АНДММК, ВҲИ | Теъдоди чорабиниҳои дахлдор бо иштироки кормандони мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Такмили барномаҳои омодагии касбии кормандони мақомоти давлатии марбута вобаста ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа, аз ҷумла вобаста ба муқаррароти Протоколи Истанбул | 2017-2019 | ВҲИ, СО, ПГ, ВА, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, КДАМ, АНМН, АНДММК | Барномаҳои дахлдор таҷдиди назар шуданд |
| | | 4. Андешидани тадбирҳо вобаста ба амалигардонии тавсияҳои иҷронашудаи Гузоришгари вежа | 2017-2019 | ПГ, СО, ВА, ВКД, ВМИ, ВТҲИА, КДАМ, АНМН, АНДММК, ВҲИ | Вобаста ба амалигардонии тавсияҳои иҷронашудаи Гузоришгари вежа таклифҳои мушаххас пешниҳод шуданд |
| 9. | Амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон (115.16, 115.27, 115.30) | Дар байни падару модарон ва кӯдакон гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон | мунтазам | ВМИ, ВКД, ПГ, ВА, МИМҲД | Теъдоди чорабиниҳои ташвиқотӣ |
| 10. | Пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал (115.70) | 1. Такмили қонунгузорӣ вобаста ба пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал | то ҳалли масъала | ПГ, ВМИ, ККЗО, гурӯҳи корӣ | Дар таҳрири нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ба инобат гирифта шуд |
| | | 2.Тақвияти корҳои тарғиботӣ дар байни аҳолӣ вобаста ба пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал ва фарҳанги оиладорӣ | мунтазам | ПГ, СО, ВМИ, ВФ, ККЗО, ВКД, КТР, КҶВС, КДТАҶМ, ВҲИ, МИМҲД | Теъдоди чорабиниҳои иттилоотӣ вобаста ба пешгирии ақдҳои никоҳи бармаҳал ва фарҳанги оиладорӣ |
| | | 3. Ташаббус намудан оид ба гузаронидани судҳои сайёр бо ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ | мунтазам | СО, ПГ | Дар ҳолатҳои дахлдор мурофиаҳои судии сайёр баргузор шуданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 11. | Пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон (115.71, 115.75) | 1.Такмил додани қонунгузорӣ вобаста ба манъи бевоситаи истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон | 2018-2020 | ПГ, ВМИ, ККЗО | Вобаста ба масъалаи мазкур қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шуд |
| | | 2. Ташкил ва гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва дигар муассисаҳои нигоҳдории кӯдакон | мунтазам | ПГ, СО, ВА, ВМИ, ВКД, ВТҲИА, ВММША, ККЗО, МИМҲД | Теъдоди чорабиниҳои иттилоотӣ вобаста ба масъалаи мазкур |
| 12. | Мубориза бо шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва манъи меҳнати маҷбурӣ (115.72-115.74) | 1. Тақвият бахшидани назорати истифодаи меҳнати кӯдак дар доираи қонунгузорӣ ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак, истифодаи меҳнати маҷбурӣ | 2018-2020 | ВММША, дигар вазорату идораҳо | Назорати истифодаи меҳнати кӯдак тақвият дода шуда, шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак ва истифодаи меҳнати маҷбурӣ пешгирӣ карда шуд |
| | | 2. Такмили механизми истифодаи меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон | мунтазам | ВММША, ПГ, дигар вазорату идораҳо | Механизми истифодаи меҳнати кӯдак дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат такмил дода шуд |
| | | 3. Ташкил ва назорати иҷрои пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №690 | мунтазам | ВММША, ПГ, дигар вазорату идораҳо | Иҷрои қарори мазкур таъмин гардид |
| 13. | Мубориза бо савдои одамон, аз ҷумла кӯдакон (115.76, 118.33, 118.34) | 1. Қабули санадҳои зерқонунӣ вобаста ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» | мунтазам | ВКД, ПГ, СО, ВА, ВМИ, КДАМ | Лоиҳаи санадҳои дахлдор таҳия гардид |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2. Мониторинги вазъи иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мубориза бо савдои одамон | мунтазам | ВКД, СО, ПГ, ВМИ | Натиҷаҳои мониторингҳои баргузоршуда |
| | | 3. Андешидани тадбирҳо ҷиҳати расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон | мунтазам | ВКД, ВА, ВТҲИА, ВМИ, ВМ | Ба қурбониёни савдои одамон кумаки дахлдор расонида шуд |
| 14. | Мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор (115.77, 115.99, 115.100) | 1. Ташкил намудани корҳои огоҳонӣ вобаста ба пешгирӣ намудани нашъамандӣ | мунтазам | АНМН, ПГ, СО, ВА, ВКД, ВМИ, ВФ, КТР, КҶВС | Теъдоди чорабиниҳои баргузоршуда |
| | | 2. Такмили қонунгузорӣ дар самти мубориза алайҳи муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор | то ҳалли масъала | АНМН, СО, ПГ, ВА, КДАМ, ВКД | Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур такмил дода шуд |
| 15. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳкими мустақилияти ҳокимияти судӣ (115.78-115.81, 118.35, 118.36, 118.67, 118.69) | 1. Такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонунҳо оид ба масъалаи мустақилияти ҳокимияти судӣ | 2017-2020 | СО, СОИ, ПГ, ВА | Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур такмил дода шуд |
| | | 2. Арзёбии амалигардии барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва таҳияи барномаи нав | 2017 | СО, СОИ, ПГ, ВА | Натиҷаҳои амалигардонии барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, барои таҳияи барномаи нав таклиф пешниҳод гардид |
| | | 3. Такмили таъминоти моддию техникӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар кафолатҳои моддии судяҳо | 2017-2020 | СО, СОИ, ВА, ВМ, ВРИС, МИМХД | Тадбирҳои андешидашуда вобаста ба кафолатҳои моддии судяҳо |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 16. | Беҳтар намудани шароити муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои ҳуқуқии дастгиршудагону маҳбусон (115.80, 115.82-115.84, 118.37) | 1. Қабули Стратегияи ислоҳоти системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ то соли 2025 | 2017-2018 | ВА, ВМ, ВТҲИА, КДАМ | Стратегияи дахлдор таҳия ва пешниҳод гардид |
| | | 2. Такмили механизми баргузории мониторингҳо аз ҷониби гурӯҳи мониторингии ВҲИ | 2018 | ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Механизми баргузории мониторингҳо аз ҷониби гурӯҳи мониторингии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон такмил дода шуда, шумораи ташрифҳо зиёд гардид |
| 17. | Таъмини озодӣ ва мустақилияти фаъолияти адвокатҳо (118.38-118.40) | Баргузор намудани мониторинги амалигардии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва таҳлили мутобиқати он ба стандартҳои байналмилалӣ | 2017-2019 | ВА, Иттифоқи адвокатҳо, ТҶ | Натиҷаи мониторинг ва таҳлил пешниҳод карда шуд |
| 18. | Баргузор намудани чорабиниҳои омӯзишӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон (115.85, 115.105, 115.109-115.111) | 1. Гузаронидани мизҳои мудаввар бо иштироки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ | 2017-2019 | ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Теъдоди мизҳои мудаввари баргузоршуда |
| | | 2. Гузаронидани чорабиниҳои иттилоотонӣ якҷо бо воситаҳои ахбори омма | 2017-2020 | ВҲИ, дигар вазорату идораҳо | Теъдоди чорабиниҳои иттилоотонии баргузоршуда |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 19. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҷалби бештари ҷомеа ба ҳаёти сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, озодии муттаҳидшавӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва баён (115.88-115.90, 118.42-118.44, 118.50, 118.61-118.66, 118.68, 118.70) | 1. Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокимаи масъалаҳои ҳуқуқи инсон | 2017-2020 | ВА, КТР, ВҲИ | Теъдоди чорабиниҳои баргузоршуда |
| | | 2. Таҳия ва қабули қонун дар бораи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ | 2019 | Гурӯҳи корӣ | Лоиҳаи дахлдор таҳия ва пешниҳод карда шуд |
| 20. | Таъмини озодии фаъолияти воситаҳои ахбори омма, дастрасӣ ба иттилоот (118.50-118.59, 118.65) | 1. Такмили қонунгузорӣ вобаста ба танзими фаъолияти торнамоҳо | 2017-2019 | ПГ, СО, ВА, ВКД, КДАМ, ММҚ, ХА, ВҲИ | Вобаста ба масъалаҳои мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия карда шуданд |
| | | 2. Гузаронидани таҳлил ва такмили қонунгузории соҳаи воситаҳои ахбори омма, анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ | 2017-2020 | ВФ, ПГ, СО, ВА, КТР, ВҲИ | Вобаста ба такмили қонунгузории амалкунандаи воситаҳои ахбори омма таклифҳо манзур гардиданд ва корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода шуданд |
| 21. | Мубориза бо камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ (115.92-115.95, 115.116) | Андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ҷиҳати амалигардонии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | 2020 | ВРИС, дигар вазорату идораҳо | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 амалӣ гардид |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 22. | Такмили механизми дубора ҳамгиро намудани муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти миллӣ (115.115) | Гуногунсамт намудани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ (аз ҷумла ба кишварҳои хориҷаи дур) | 2020 | ВММША, дигар вазорату идораҳо | Механизми ҷалби муҳоҷирони меҳнатии ба Тоҷикистон баргашта ба иқтисодиёти миллӣ таҳия карда шуд |
| 23. | Таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ (115.96, 115.97) | Идома додани корҳо оид ба амалӣ намудани Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2008-2020 | 2020 | ХМК, ВТҲИА, дигар вазорату идораҳо | Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018-2028) эълон шуд ва қисми дахлдори Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ амалӣ гардид |
| 24. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати мубориза бо доғи нанг ва табъизи шахсони мубталои бемориҳои сил, ВНМО ва рӯҳӣ (115.45, 115.98) | 1. Амалӣ намудани Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020 ва дар амал татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ин самт қабулгардида | 2017-2020 | ВТҲИА | Барномаҳо амалӣ гардиданд, маҷмӯи санадҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ нашр карда шуд |
| | | 2. Баррасии масъалаи таҳияи санади маҷмӯӣ дар соҳаи ҳифзи солимии равонпизишкӣ аз нигоҳи ҳифзи ҳуқуқ | 2017-2020 | ВТҲИА | Масъала омӯхта шуд, таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |
| 25. | Беҳсозии вазъи хизматрасониҳои тиббӣ (115.101-115.103, 115.117) | 1. Коҳиш додани сатҳи фавти модару кӯдак | мунтазам | ВТҲИА | Сатҳи фавти модару кӯдак коҳиш дода шуд |
| | | 2. Таъмини дастрасии муолиҷа ва пешгирӣ аз ВНМО | мунтазам | ВТҲИА | Дастрасии муолиҷа таъмин карда шуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 3. Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ дар соҳаи солимии репродуктивӣ | мунтазам | ВТҲИА | Теъдоди чорабиниҳои баргузоршуда |
| | | 4. Зиёд кардани маблағгузории соҳа | мунтазам | ВТҲИА | Маблағгузории соҳа зиёд карда шуд |
| 26. | Таҳкими ҳуқуқ ба таҳсилот. Мусоидат ба фарогирии занону духтарони деҳот бо таҳсилот (115.28, 115.104, 115.106-115.108, 115.117) | 1. Таҳияи нақша, барномаҳои таълимӣ ва роҳнамо барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ғоибона | 2017-2018 | ВМИ | Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, кор дар ин самт оғоз гардид |
| | | 2. Гузаронидани таҳқиқот оид ба фарогирии духтарон ба таҳсилоти миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ, инчунин ошкор намудани сабабҳои аз таҳсил дур мондани духтарон | 2017 | ВМИ, ККЗО, МИМҲД | Мавҷуд будани натиҷаи таҳқиқот |
| | | 3. Дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб намудани хонандагон, махсусан занону духтарон аз деҳоти дурдаст барои гирифтани таҳсил | мунтазам | ВМИ, ККЗО, МИМҲД | Натиҷаи чорабиниҳои анҷомёфта |
| | | 4. Табдили мақоми муассисаҳои таълимӣ бо мақсади фарогирии духтарон | мунтазам | ВМИ, МИМҲД | Кор дар ин самт идома дорад |
| | | 5. Таҷҳизонидани муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо техникаи муосир барои фаро гирифтани донишҷӯён ба таҳсилоти фосилавӣ | 2018-2020 | ВМИ | Кор дар ин самт оғоз гардид |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 27. | Мусоидат ба рушди таҳсилоти фарогир (115.112) | 1. Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба таҳсилоти фарогир | 2017-2018 | ВМИ, ВТҲИА, | Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, кор дар ин самт давом дорад |
| | | 2. Гузаронидани курсҳои омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки кӯдакони имконияти ҷисмониашон маҳдудро таълим медиҳанд | 2017-2018 | ВМИ | Дар ин самт кор идома дорад |
| 28. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи маъюбон (115.7, 115.113, 115.114) | Таҳияи барномаҳо ҷиҳати амалигардонии ҳуқуқҳои маъюбон | 2017-2020 | ВТҲИА, ВМИ, ВММША | Барномаҳо таҳия карда шуданд |
| 29. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии эътиқод (115.87, 118.10, 118.24, 118.42, 118.45) | 1. Анҷом додани муколамаи байнидинӣ бо мақсади таҳкими таҳаммулпазирӣ | мунтазам | КДТАҶМ, дигар вазорату идораҳо | Тадбирҳо доир ба таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва таҳкими таҳаммулпазирӣ дар муҳити динӣ амалӣ карда шуданд |
| | | 2. Амалӣ намудани чорабиниҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии эътиқод | мунтазам | КДТАҶМ, дигар вазорату идораҳо | |
| | | 3. Татбиқи барномаҳои омӯзишӣ баҳри роҳ надодан ба табъизу ҳуқуқпоймолкунӣ | мунтазам | КДТАҶМ, дигар вазорату идораҳо | |
| | | 4. Истифодаи зарфияти ходимони дин дар пешгирии зӯроварӣ дар оила | мунтазам | КДТАҶМ, дигар вазорату идораҳо | |
| | | 5. Таҳлили қонунгузории соҳавӣ | мунтазам | КДТАҶМ, дигар вазорату идораҳо | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 30. | Қабули ҳуҷҷати стратегӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон (118.11-118.14) | 1. Таҳияи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон то соли 2025 | 2017-2020 | ДИП, ПГ, ВА, ВҲИ, ТҶ | Лоиҳаи Стратегияи мазкур таҳия гардида, барои муҳокима ва қабул пешниҳод карда шуд |
| | | 2. Бо ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳокима намудани лоиҳаи Стратегияи мазкур | 2017-2020 | ДИП, ПГ, ВА, ВҲИ, ТҶ | Лоиҳаи Стратегияи мазкур муҳокима гардид |
| 31. | Баррасии масъалаи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи лоиҳаи қонун вобаста ба мубориза том бо табъиз (118.21, 118.23) | Баррасии масъалаи таҳияи қонуни алоҳида вобаста ба ба мубориза том бо табъиз ва такмили қонунҳои алоҳида | 2018-2019 | ДИП, ВА, ВҲИ | Вобаста ба таҳияи лоиҳаҳои санадҳои дахлдор таклиф пешниҳод гардид |
| 32. | Баррасии масъалаи бекор кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқир (118.60) | Таъсиси гурӯҳи корӣ ва омӯзиши масъалаи боздиди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқир | 2017-2020 | ПГ, СО, ВА, ММҚ | Чорабиниҳои мухталифи омӯзишӣ, аз ҷумла муҳокимаҳо баргузор гардиданд ва таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 33. | Баррасии масъалаи ҳамроҳ шудан ба санадҳои зерин: 1) Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳамаи шахсон аз ғайбзании иҷборӣ; 2) Протоколи факултативӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф; 3) Созишнома дар бораи имтиёзҳо ва масунияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ; 4) Протоколи факултативии сеюм ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак; 5) Конвенсияи №189 СБМ; 6) Протоколи факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (117.1-117.14, 118.3-118.9) | Омӯзиши масъалаи ҳамроҳшавӣ ба санадҳои мазкур ва таъсиси василаи миллии огоҳонӣ | 2017-2020 | ДИП, ВКХ, СО, ПГ, ВА, ВММША, КДАМ, ВҲИ | Масъалаҳои мазкур пурра омӯхта шуда, таклифҳои мушаххас пешниҳод гардиданд |

Эзоҳ: Барои иҷрои чорабиниҳо Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мувофиқа ҷалб карда мешаванд.

Рӯйхати ихтисораҳо:

ДИП – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

СО – Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СОИ – Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПГ – Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон

АХД – Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

АНДММК – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

АНМН – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМИ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВММША – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВМ – Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВРИС – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВТҲИА – Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВФ – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

КДТАЧМ – Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ККЗО – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КҶВС – Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КТР – Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

КА – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХА – Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММҚ – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДИД – Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХМК – корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»

МИМҲД – мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

ТҶ – ташкилотҳои ҷамъиятӣ